## <u>Ҳуқуқҳои мизоҷон:</u>

- Қарзро гирад ва онро ба мақсадҳои муайянкардашуда истифода барад.
- Маблағи қарзи гирифташударо қисман ва ё ба пуррагӣ мувофиқи шартҳои дар шартнома дар бораи қарзи хурд пешбинигардида бе ситонидани ноустуворона пеш аз мӯҳлат пардохт намояд.
- Ба гузашт кардани талабот аз рӯи ӯҳдадорӣ мувофиқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад.
- Ҳангоми пардохти пеш аз муҳлат, пардохти фоизҳои қарзро барои рузҳои воқеан истифодашудаи қарз пардохт намояд.
- Дигар ҳуқуқҳое, ки қонунгузорӣ ва ё тибқи шартнома дар бораи қарзи хурд пешбинӣ шудааст.

## <u>Чораҳое, ки ҳангоми риоя нагардидани шартҳои шартнома дар бораи қарзи хурд пешбинӣ намудааст:</u>

- Дар сурати саривақт пардохт накардани қарз аз ҷониби қарзгиранда, ФҚХ "ИМОН" ҳуқуқ дорад барои ҳар як рӯзи таъхир аз пардохти батаъхирафтода ҷарима ба андозаи 20% (бист фоиз)-и солона ситонад.
- Барои руйпуш намудани уҳдадориҳо тибқи шартҳои шартнома дар бораи қарзи хурд ФҚХ "ИМОН" метавонад аз қарзгиранда фуруши мому мулки гаравро талаб намояд.
- ФҚХ "ИМОН" ҳуқуқ дорад, аз қарзгиранда фурӯши молу мулки гаравро бо мақсади равон намудани маблағи бадастомада барои рӯйпӯш намудани ҳамаи уҳдадориҳо аз рӯи шартнома дар бораи қарзи хурд талаб кунад.
- Агар маблағи аз фурӯши молу мулки гарав бадастомада барои қонеъ намудани талаботи ФҚХ "ИМОН" кифоягӣ накунад, ФҚХ "ИМОН" ҳуқуқ дорад аз ҳар дигар молу мулки қарзгиранда камии маблағро, бе истифода бурдани афзалияти ҳуқуқи гарав, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб намояд.
- Дар ҳолати аз ҷониби қарзгиранда қисман ё пурра иҷро нашудани уҳдадориҳо тибқи шартнома дар бораи қарзи хурд, ФҚХ "ИМОН" ҳуқуқ дорад ба "Бюрои таърихи қарзҳо" ҳамчун чораи масъулият оиди қарзгиранда иттилоот ва маълумот диҳад.

- Дар ФҚХ “ИМОН” вобаста ба пешниҳоди қарз (ба истиснои Равзанаи бонкии исломӣ) ҳаққи хизмат ва дигар пардохтҳо ситонида намешавад.

**<u>Барои гирифтани маълумоти дақиқ ва саҳеҳ дар бораи ҳуқуқҳои худ Шумо метавонед тавассути роҳҳои зерин бо мо дар тамос шавед:</u>**

- Ба рақами +992-92-822-23-53 ё +992-48-701-33-33 дар вақти реҷаи кории ФҚХ “ИМОН” занг занед. Кормандони мо омодаанд ба саволҳои Шумо посух диҳанд;
- Шабакаҳои иҷтимоӣ ва мессенҷерҳо. Мо дар Facebook, Instagram, Телеграмм, Вайбер (рақами телефон: +992-92-822-23-53) дастрасем;
- Сомонаи ФҚХ “ИМОН” Бонк https:// mcf-imon.tj;
- Машварати кормандони мо. Ба идораи асосӣ ва ё марказҳои хизматрасонии наздиктарини мо ташриф оред ва ба Шумо машварати босифат дода мешавад.